ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
“ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО”

# НИЗОМНОМАИ

# ХАДАМОТИ РЕКТОРИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО”

Душанбе -2021

**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИ ТАЪЛИМИИ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО"**

**«Тасдиқ мекунам»**
**Раиси Шӯрои олимони МДТ "ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино", д.и.т, профессор**
**_____ Гадзода М.Қ.**
**«___» _____ соли 2021**

# НИЗОМНОМАИ

# ХАДАМОТИ РЕКТОРИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИ ТАЪЛИМИИ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО"

**Душанбе -2021**

## Мундариҷа

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ....4
2. ВАЗИФАҲОИ ХАДАМОТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ....4
3. САМТИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ ХАДАМОТ....6
4. СОХТОРИ ХАДАМОТ ....7
5. МАСЪУЛИЯТИ КОРМАНДОНИ ХАДАМОТ....7
6. ИДОРАКУНИИ ХАДАМОТ ....7
7. ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ХАДАМОТ ....8
8. Варақаи мувофиқавӣ ....9
9. Варақаи қайди тағйирот....10
10. Варақаи шиносоӣ....11

Низомнома мазкур дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки 23 июли соли 2016, №1339 қабул карда шудааст, «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2017, №358 тасдиқ шудааст, Тартиби баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2017, №276 тасдиқ карда шудааст ва Оиинномаи донишгоҳ таҳия шудааст.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Хадамоти ректори донишгоҳ, дар оянда Хадамот, сохтори таркибии МДТ “ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино” буда, фаъолияти он дар асоси «Оиннома»-и Донишгоҳ ва Низомномаи мазкур ба роҳ монда мешавад.

1.2. Хадамот дар фаъолияти хеш Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Вазоратҳои маориф ва тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ректори Донишгоҳ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳбарӣ мегирад.

1.3. Ба Низомномаи мазкур бо мурури замон ворид сохтани тағйирот ва иловаҳо имконпазир аст.

1.4. Хадамот танҳо зери итоати бевоситаи ректор қарор дошта, ба он ҳисоботдиҳанда маҳсуб ёфта, сардори он аъзои Раёсат, Шӯрои олимон ва аъзои комиссияҳои босалоҳият интихоб мешавад.

## 2. ВАЗИФАҲОИ ХАДАМОТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ

2.1. Таъмини ҳамоҳангии фаъолияти сохторҳои донишгоҳ вобаста ба масъалаҳои умумидонишгоҳӣ.

2.2. Таҳлили мунтазами вазъи сохторҳои марбутаи донишгоҳ, муайян намудани роҳҳои самарабахши инкишофи онҳо, ҳалли масъалаҳои муҳими байнисохторӣ, таҳия намудани пешниҳодҳои дахлдор.

2.3. Таҳлили пайвастаи ҳисоботҳои оморӣ шуъбаҳои сохторӣ бо хулоса ва пешниҳодҳои мушаххас.

2.4. Таҳлили ҳисоботҳои ҷамъбастии шуъбаҳо бо хулоса ва пешниҳодҳои мушаххас.
2.5. Назорати мунтазами иҷрои фармону супоришҳои ректори донишгоҳ, қарорҳои Шӯрои олимон ва раёсати донишгоҳ, таҳияи гузоришҳо оид ба ин масъалаҳо.
2.6. Назорати риояи вақти корӣ дар донишгоҳ ва ташкил намудани санҷишҳои муштарак оид ба интизоми меҳнат дар тамоми сохторҳои донишгоҳ .
2.7. Ташкили иҷрои нақшаҳои фаъолияти донишгоҳ, супоришҳои ректори донишгоҳ ба муовинони ректор.
2.8. Ташкили системаи ягонаи коргузорӣ дар донишгоҳ.
2.9. Бо супориши ректор таҳия намудани лоиҳаи санадҳои меёрии ҳуқуқӣ, ки хусусиятӣ фаврӣ доранд.
2.10. Мувофиқаи муросилоти хизматӣ, мактуб ва муроҷиатҳои шифоии шаҳрвандон, ки ба Хадамот ворид шудаанд.
2.11. Дар сурати саривақт иҷро намудани қарору супоришҳо тартиб додани санади дахлдор ва пешниҳод намудан барои чораандешӣ.
2.12. Ворид сохтан ва такмил додани пойгоҳи (база) маълумотҳо.
2.13. Қабул, коркард, қайд, баҳисобгирӣ, нагоҳдорӣ, дастрас ва фиристодани мукотибаҳо (воридотӣ, содиротӣ, дохилӣ), аз ҷумла бо воситаҳои махсуси алоқа расонидашуда.
2.14. Таъмини гузариши саривақтии ҳуҷҷатҳо ва мукотибаҳои хидматӣ дар сохторҳои донишгоҳ.
2.15. Тайёр кардан, ороиш додан, нашр, баҳисобгирии фармонҳо ва супоришҳои ректор ва расонидани онҳо то иҷрокунандагон.
2.16. Тартиб додани феҳрести ягонаи парвандаҳои донишгоҳ.
2.17. Коркарди қолабҳои ягона, шакл ва тарҳи варақаҳои донишгоҳ.
2.18. Коркарди дастурамалҳои коргузорӣ ва ворид сохтани онҳо.
2.19. Тайёр кардан ва баҳисобгирии варақаҳои чопӣ, мӯҳрҳо, штампҳо, ворид сохтани воситаҳои электронии нигаҳдорӣ.
2.20. Иҷроиши корҳои нусхабардорӣ – зиёдкунӣ, садо ва аксбардорӣ.
2.21. Таъмини дурустӣ ва шафаффияти ҳамаи санадхои ҳуқуқии таҳияшудаи шӯъбаву марказхо ва дигар зерсохторҳои Донишгоҳ.
2.22. Амалсозии роҳбарии услубӣ оид ба коргузорӣ дар сохторҳои донишгоҳ, назорат аз болои ташкили дурусти нигаҳдорӣ ва супоридани саривақтии ҳуҷҷатҳо ба бойгонӣ.
2.23. Тартиб додани парвандаҳо ва супоридани онҳо барои нигаҳдорӣ ба бойгонӣ.
2.24. Таъмини реҷаи мувофиқи дастрасӣ ба ҳуҷҷатҳо ва истифодабарӣ аз маълумотҳои дар онҳо ҷойдошта.

2.25. Коркард ва амалӣ намудани технологияи гардиши дохилидонишгоҳии бекоғазии ҳуҷҷатҳо.
2.26. Коркарди чорабиниҳо оид ба ҳифзи маълумотҳои сирри давлатӣ ва хизматӣ дошта.
2.27. Таъмини истифодабарӣ ва нигаҳдории дурусти мӯҳр ва штампи донишгоҳ.
2.28. Ба таври саҳеҳ ва саривақт маълумотонидани кормандон, донишҷӯён ва ҷомеа оид ба самтҳои асосии фаъолияти донишгоҳ.
2.29. Роҳбарӣ ва амалисозии ҳамкорӣ бо ташкилотҳои давлатӣ, ғайридавлатӣ ва воситаҳои ахбори омма.
2.30. Ташакулли симои мусбии донишгоҳ, дастгирии баландшавии мавқеи иҷтимоии он дар ҷомеа.

## 3. САМТИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ ХАДАМОТ

3.1. Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои умумидонишгоҳӣ: Шӯрои олимон, ҷаласаҳои раёсат, маҷлисҳои раёсат оид ба масъалаҳои ҷорӣ.
3.2. Назорат ва ҳамоҳанг намудани чорабиниҳои таълимию илмӣ ва тарбиявию фарҳангии донишгоҳӣ
3.3. Назорати мунтазами иҷрои фармону супоришҳои ректори донишгоҳ, қарорҳои Шӯрои олимон ва раёсати донигоҳ, таҳияи гузоришҳо оид ба масъалаҳои баррасишуда.
3.4. Ташкили саривақт дида баромадан ва тайёр кардани ҳуҷҷатҳои дохилшуда, назорати дурустии ҳуҷҷатҳои тартибдодашуда ва барои имзо барои роҳбарият пешниҳодшаванда.
3.5. Танзими рафти иҷроиши ҳуҷҷатҳо, назорати гузариш, тартиб додан ва иҷроиши ҳуҷҷатҳо дар мӯҳлатҳои муайяншуда; ҷамъбасти маълумотҳо аз ҷараён ва натиҷаҳои иҷроиши ҳуҷҷатҳо, ахбори пайвастаи роҳбарият вобаста ба масъалаҳои ҷойдошта.
3.6. Тайёр кардан ва нашри ҳуҷҷатҳои супоришотии донишгоҳ, фармонҳои ректор оид ба фаъолияти асосӣ ва супоришотӣ, расонидани саривақтии ҳуҷҷатҳо ба роҳбарони воҳидҳои сохторӣ.
3.7. Ташкил ва гузаронидани нишастҳои матбуотӣ, гузоришҳо, таҳлил ва баррасии маводҳои дар ВАО дарҷгардида.
3.8. Амалӣ сохтани назорати коркард ва бақайдгирии ҳуҷҷатҳо, корҳои баҳисобгирӣ – маълумотдиҳӣ, баррасии ҳолати коргузорӣ дар воҳидҳои сохторӣ.
3.9. Ташкил ва назорати кор бо ариза, пешниҳод ва шикояти шаҳрвандон.

# 4. СОХТОРИ ХАДАМОТ

4.1. Бастҳои Хадамот аз ҳисоби шахсоне, ки маълумоти мувофиқро доранд ишғол карда мешаванд.

4.2. Хадамоти ректори донишгоҳ дорои зерсохторҳои зерин мебошад:

- Шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеа;
- Бахши назоратӣ;
- Бахши коргузорӣ;
- Бахши маркетинги иҷтимоӣ.

4.3. Фаъолияти сардор ва кормандони Хадамот ба таври мушаххас аз рӯи дастурамали вазифавӣ амалӣ мегардад.

# 5. МАСЪУЛИЯТИ КОРМАНДОНИ ХАДАМОТ

Кормандони Хадамоти ректори донишгоҳ дар чунин ҳолатҳо ҷавобгар мебошанд:

5.1. Ҳангоми иҷро накардани уҳдадориҳои вазифавии худ, ки дастури вазифави дар асоси қонунгузории ҷории меҳнат муайян намудааст.

5.2. Ҳангоми расонидани зарари моддӣ дар асоси қонунгузории амалкунанда.

5.3. Ҳангоми вайрон кардани Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ, қоидаҳои бехатарии зиддисӯхтор ва техникаи бехатарии дар муассиса ҷорибуда.

# 6. ИДОРАКУНИИ ХАДАМОТ

6.1. Хадамотро сардори Хадамот роҳбарӣ мекунад. Сардори Хадамот аз тарафи ректори донишгоҳ таъйин ва аз вазифа озод карда мешавад.

6.2. Сардори Хадамот;

а) масъулияти фаъолияти бонизоми Хадамотро ба зима дорад;

б) самтҳои асосии фаъолияти Хадамотро муайян месозад;

в) иҷроиши корҳои ҷорӣ ва банақшагирифташударо роҳбарӣ менамояд;

г) ҳамоҳангсозии коркард, тайёр ва тасдиқ кардани барнома ва нақшаи чорабиниҳои Хадамот мебошад;

д) барои ворид сохтан ва истифода бурдани технологияи нав дар Хадамот вазифадор аст;

е) дигар масъалаҳои марбут ба фаъолияти Хадамотро баррасӣ менамояд.

6.3. Хадамот дорои мӯҳри мудаввари бенишон буда, он дар ихтиёри сардори Хадамот қарор мегирад.

# 7. ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ХАДАМОТ

7.1. Фаъолияти Хадамот дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:

- бо қарори ректори донишгоҳ.
- дар дигар ҳолатҳо, тибқи тартибе, ки дар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст.

7.2. Ҳуҷҷатҳое, ки ҳангоми фаъолияти Хадамот эҳё шудаанд, мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» нигоҳ дошта мешаванд.

## 8. Варақаи мувофиқавӣ

| № | Вазифа | Ному насаб | Санаи мувофиқа | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Муовини ректори оид ба корҳои таълимию методӣ | Ибодзода Саидмуқим Тиллохӯҷа | | |
| 2. | Сардори раёсати рушди кадрӣ | Абдуллозода Саидхуҷа Муртазо | | |
| 3. | Директори маркази рушди стратегӣ ва менеҷмент | Маҳмудзода Хайём Рӯзибой | | |
| 4. | Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ | Саидзода Ҷумахон Зикриё | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

# 9. Варақаи қайди тағйирот

| № | Асос барои воридкунии тағйирот | Рақами варақа | Мазмуни мухтасари тағйирот | Сана | Ному насаби тағйиротку нанда |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

## 10. Варақаи шиносой

| № | Вазифа | Ному насаб | Сана | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | сардори хадамоти ректор | Юсуфӣ Б.Н. | 27.01.21 | |
| 2. | сардори корҳои корбурдӣ | Боротов Ф.Н. | 27.01.21 | |
| 3. | сардори бахши назорат | Зарифов Ш.Ф. | 27.01.21 | |
| 4. | ёвари ректор | Бахтиёров Ш.Б. | 27.01.21 | |
| 5. | мутахассиси пешбар | Шукуров Б.Б. | 27.01.21 | |
| 6. | таҳлилгар | Боситов Ш.М. | 27.01.21 | |
| 7. | мактубрасон | Салимова Х.Р. | 27.01.21 | |
| 8. | мутахассис | Гадоева Г.Б. | 27.01.21 | |
| 9. | коргузор | Ҳалимова Ч.Р. | 27.01.21 | |
| 10. | | | | |
| 11. | | | | |
| 12. | | | | |
| 13. | | | | |